# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «17» 09 соли 2025 № 348/бу ш. Душанбе

Дар бораи бозхонд намудани парвандаи аттестатсионии Қувватзода Саломат Мусо

Мутобиқи сархати шашуми моддаи 16 ва сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ", сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Бо хоҳиши Қувватзода Саломат Мусо парвандаи аттестатсионии номбурда оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси "Адабиётшиносӣ" аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос дархостномаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рад карда шавад.

2. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Ҳокимхон Вализода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Қувватзода С.М. ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ